**«Тасдиқ мекунам»**
**Директори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор**
**________________ Шарифзода Ф. Х.**
**«__» ________________ соли 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳоиибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ» (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ)**

**Мутобиқати мухтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.** Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ» (дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ)» ба бандҳои 9-10-уми бахши «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6D020502 – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Аҳаммияти кори таҳқиқии Тоҷидинзода Парвина, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки хусусиятҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ бори аввал дар қолаби корҳои илмию таҳқиқотии диссертатсионӣ таҳқиқ шудааст. Ин масъала дар забоншиносии тоҷикӣ мавзуи комилан нав ба шумор меравад.

Диссертатсияи мазкур дар забоншиносии тоҷик нахустин таҳқиқи илмӣ оид ба осори насрии Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ буда, асосан, қолабҳои ибораоройӣ, навпардозиҳои адиб, забону услуби эҷодӣ ва мавқеи ибора дар насри адиб баррасии муфассал шудаанд. Илова бар ин, дар диссертатсия сохтори грамматикии ибораҳои номӣ баррасӣ гардидааст. Ғайр аз ин, хусусиятҳои корбурди ибора, таҳаввули сохтор ва маънои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ таҳқиқ шудааст. Ҳамзамон ибораҳо аз рӯйи алоқаҳои пешояндӣ, изофӣ ва ҳамроҳӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Масъалагузориҳои мушаххаси илмӣ, таъйиди мубрамии мавзуъ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, сарчашмаҳои пажуҳиш, аҳаммияти назарию амалии диссертатсия, инчунин, хулосаю натиҷагириҳои муҳаққиқ, дар маҷмуъ, **саҳми шахсии** довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқро нишон медиҳанд.

Инчунин, омӯзиши диду назарҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи мавриди таҳқиқ, таҳлилу таҷзия, баҳсҳо ва пешниҳоди дидгоҳҳои дигар, нашри мақолаю гузоришҳои илмӣ дар робита ба мавзуи

диссертатсияро ҳам метавон саҳми шахсии диссертант ҳисобид. Диссертант дар танзими равишҳои илмии ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия ба миён гузошташуда аз усулҳои хронологӣ, таҳлилӣ ва назарияи забоншиносии муосир дар баррасии мавзуъ босамар истифода намудааст.

Дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, хусусиятҳои наҳвии ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ муайян карда шудааст. Саҳми шахсии муҳаққиқ, ҳамчунин, дар ҷамъоварии маводи таҳқиқ ва коркарду баррасии он, тасвиби натиҷаҳо, омода намудани маърузаҳо ва интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад.

Таҳқиқи илмии мазкур заҳмати чандсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мубрами мавҷудаи забоншиносии муосири тоҷик кумак карда метавонад.

Дар маҷмуъ, метавон зикр кард, ки дар бобу фаслҳои диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина як силсила масъалаҳои марбут ба сарфу наҳви забони тоҷикӣ дар мисоли осори Абдуллоҳи Ансорӣ баррасӣ мешаванд.

**Аҳаммияти назарии** диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола ҷанбаҳои омӯзиши ибораҳои номиро пурратар гардонида, дар муайян намудани арзишҳои осори насрӣ дар забон метавонад нақши бориз дошта бошад.

Аз таҳқиқи мазкур баъзе хусусиятҳои забонии насри асри XI-ро ошкор ва дараҷаи корбурди калимаю ибораҳоро дар ин марҳилаи ташаккули таърихии забони адабии тоҷикӣ муайян кардан мумкин аст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ дар ҳалли як қатор масъалаҳои назари сарфу наҳв, лексикию семантикӣ, услубии фардӣ ва калимасозии асарҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мусоидат мекунад.

Маводи рисола, ҳамчунин, ҳангоми таҳқиқи илмӣ доир ба таърихи забони адабии тоҷикӣ, дар ҳалли масъалаҳои маъношиносӣ ва услубшиносии амалӣ, зимни пажуҳиши масъалаҳои назарию амалии иборасозӣ, сарфу наҳв ва зимни таҳқиқи густурдаи илмӣ доир ба забон қобили истифода буда метавонад.

**Аҳаммияти амалии** диссертатсияи мавриди назар дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи рисола, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи забоншиносии муосири тоҷикӣ, таълифи китобҳои дарсии забони муосири тоҷикӣ дар даврони Истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ истифода кард.

Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина аз муқаддима, 3 боби муфассал ва зербанду зерфаслҳо, хулосаю тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, китобнома ва номгӯйи таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамии мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия **«Вижагиҳои ибораҳои номӣ ва мавқеи он дар насри мусаҷҷаъ»** унвон дошта, аз се фасл иборат аст. Диссертант дар ин боб масъалаҳои омӯзиш ва таҳқиқи ибораро дар забоншиносии муосир, қонун ва қоидаҳои асосии ибораоройӣ дар ҷумларо мавриди пажуҳиш ва баррасии ҳамаҷониба қарор медиҳад. Дуруст аст, ки омӯзиш ва пажуҳиши ибора таърихи дуру дароз дошта, ҳанӯз аз замонҳои қадим диққати олимону донишмандонро ба худ ҷалб карда буд.

Аз рӯйи таълимоти забоншиносии умумӣ олимони чи шарқ ва чи ғарб дар пажуҳиши ибора нақши босазое доштаанд ва хусусан, дар осори классиконамон, ба мисли Абуалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва Насириддини Тусӣ андешаҳои арзишмандеро мушоҳида мекунем. Дар садаҳои минбаъда дар осори Шамси Қайси Розӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, Муҳаммад Ғиёсуддини Ромпурӣ ва Воҷидалии Муҷмалӣ дар бораи сохт ва вижагиҳои маъноии ибора андешаҳои ҷолиб баён шудаанд. Вобаста ба асарҳои илмии ҳар як олим ва муҳаққиқони мазкур, хушбахтона, пажуҳишҳои муайяни илмии забоншиносони тоҷик, аз ҷумла, таҳқиқи Д. Хоҷаев бо номи «Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI» мавҷуд аст.

Дар омӯзиш ва таҳқиқи сохтори грамматикии забони тоҷикӣ саҳми олимони маъруф Н. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ш. Ниёзӣ, Ш. Рустамов, Х. Каримов, А. Мирзоев, С. Абдураҳимов, С. Атобуллоев, А. Мирзоев, М.Н. Қосимова, Б. Камолиддинов, Д. Хоҷаев, Л. Пейсиков, Р. Ғаффоров, А. Халилов басо бузург ва назаррас аст. Ин олимон дар таълифоти худ бевосита ба масъалаҳои ибора низ таваҷҷуҳ кардаанд.

Мавзуи ибора аз масъалаҳои мубрами забоншиносии муосир буда, дар баробари ин худи ибора як воҳиди камтаҳқиқшуда, махсусан, дар заминаи насри мусаҷҷаъ аст. Таҳқиқи ибора дар асоси асарҳои классикӣ аҳаммияти калони илмӣ дорад, зеро қолаби забони тоҷикӣ маҳз дар ҳамон давраҳо ташаккул ёфтааст. Инчунин, метавон гуфт, ки маҳз асарҳои эҷодшудаи он замон инъикоскунандаи анъанаҳои классикӣ мебошанд. Навгониҳои дар он давра бавуҷудомада ҳамчун асноди нишондиҳандаи таърихи забон ва хусусиятҳои тағйирёбии қолаби наҳв муҳим мебошад. Дар баробари ин, аз рӯйи маводи «Расоили форсӣ»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ибора ҷанбаи илмӣ ва амалӣ дорад.

**Боби дуюми** диссертатсия «**Вижагиҳои корбурди ибораҳои номӣ дар «Расоили форсӣ »-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ»** ном дошта, дар зерфаслҳои он ибораҳо дар насри мусаҷҷаъ аз нигоҳи сохторӣ ва хусусиятҳои услубӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, диссертант зикр менамояд, ки ибора, хусусан ибораҳои номии синтаксисӣ, дар насри мусаҷҷаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ ҳам, дар шакли сода ва ҳам мураккаб баръало дида мешавад.

Табиист, ки нақши исм нисбат ба сифату ҷонишин дар сохтани ибора зиёдтар аст ва ҷонишинҳо низ дар осори Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ мавқеи хосеро ишғол намудаанд. Умуман, ҳама ҳиссаҳои номии нутқ дар асари мазкур дар иборасозӣ корбаст шудаанд. Масалан, дар рисолаи «Муҳаббатнома» дар боби «Ваҷҳ» ибораи **чашми гирён**ро: ... *ба **чашми гирён** ва ба дили бирён, роз пайдо ва мард пинҳон* [10, с. 362] метавон дид.

Дар ин мисол исму сифат бо роҳи алоқаи изофӣ ибора сохтааст, ки ҳамин гуна мисолҳо бо исм, сифат, шумора ва ҷонишин низ дар асар хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Дар боби «Бақо» ибораи **гиристани ятим** дар мисоли ... ***гиристани ятим** аз бепадарист* [10, с. 345], далели ин гуфтаҳост ва натиҷагирӣ менамояд, ки вижагиҳои ибораи мусаҷҷаъ дар осори Хоҷа дар ҷумла аз нигоҳи маънӣ ва ҳам мазмун фарқкунанда буда, инчунин, шакли грамматикии онҳо низ аз дигар осори насрӣ тафовут доранд.

Дар «Расоили форсӣ» ҷумлаҳое ҳастанд, ки дар онҳо ду ва ё зиёда ибораҳоро дар як қолаб дидан мумкин аст. Мисол: *Илоҳӣ, ...меҳри ту **моро ҷиҳоз**, шинохти ту **моро амон**, лутфи ту **моро амон*** [10, с. 42]. Ҳамон тавре ки аён аст, дар як ҷумла се ибораро дар қолаби иборасозии “духтарро дил” дида метавонем, ки ҳам дар қолаби иборасозии классикӣ омадааст ва ҳам дар сохтани ҷумлаҳои мусаҷҷаъ кумак намудааст. Маҳз бо иштироки ҳамин ибораҳо калимаҳо ҳамқофия гардидаанд.

Дар осори мавриди таҳқиқ, ҳамчунин, мисолҳое низ ба чашм мерасанд, ки, аслан, дар чунин навъи ибораҳо на бандаки изофӣ, балки артикли ***-е*** ҷузъҳои ибораро ба ҳамдигар алоқаманд мекунанд. Дар сурати дар ҷойи худ гузоштани аъзоҳои ҷумла бошад, ҷойи артиклро бандаки изофӣ иваз карда метавонад. Дар «Расоили форсӣ» чунин ибораҳо хеле серистеъмол мебошанд. Чунончи: *Дарвешӣ чист? – **зоҳире беранг** ва **ботине беҷанг**; Илоҳо, зоҳире дорем бас шӯрида ва **ботине хароб** ва синаи пуроташу **чашме пуроб.***

**Боби сеюми** рисола **«Таснифи сохтории ибораҳои номии «Расоили форсӣ» аз рӯйи алоқа»** ном дошта, се фаслро дар бар мегирад. Ҳамаи фаслҳо боз дар навбати худ ба зерфаслҳо ҷудо гардидаанд. Дар фасли якуми боби сеюм, ки **«Ибораҳои номии пешояндӣ»** ном гирифтааст, ибораҳои номӣ бо пешояндҳо таҳқиқ шудааст.

Чунонки аз таҳлилу баррасии мисолҳо дида мешавад, дар рисолаҳои Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ миқдори ибораҳое, ки бо ёрии алоқаи пешояндӣ сохта шудаанд, дар муқоиса бо ибораҳои бо ёрии алоқаи ҳамроҳӣ сохташуда зиёдтар мебошанд.

Натиҷагириҳои диссертант дар бахши хулосаи диссертатсия дар 12 банди мушаххас манзур гардида, аксари онҳо натиҷаи баррасиҳои бобу фаслҳои диссертатсия мебошанд. Рӯйхати адабиёти истифодакардаи диссертант мувофиқи меъёр ва талаботи феҳрастнигорӣ танзим гардидааст.

Дар баробари дастовардҳои муаллифи диссертатсия, ки бешубҳа, дар таҳқиқу омӯзиши забоншиносии муосир саҳми арзандае хоҳад гузошт, баъзе нуқсону камбудиҳое низ дар матн роҳ ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо дар оянда барои беҳбудии кайфияти таҳқиқ ва афзудани арзиши илмию амалии рисола мусоидат хоҳад кард, аз ҷумла:

1. Чи тавре ки аз маводи рисола бармеояд, кор асосан, дар заминаи осори Абдуллоҳи Ансорӣ сурат гирифтааст ва унвонҷӯ маводи зиёдеро гирдоварӣ намудаанд, вале ҳангоми таҳлилу баррасии мисолҳо дар баъзе мавридҳо маъхаз ва саҳифаҳои асари мавриди назарро ишорат накардаанд.
2. Дар рисола муаллиф бештар ба фикру андеша ва пажуҳиши донишмандон ва муҳаққиқони шуравӣ ва тоҷик такя намудааст, ки ин равияи маъмулӣ ва нисбатан дастрас мебошад. Ҳамзамон, ҳангоми баррасии масъалаҳои мавриди назар аз рисолаву таҳқиқотии баъзе олимони забоншиноси тоҷик то андозае сарфи назар намудааст. Ҳарчанд ки ин масъала дар рисолаҳои илмию таҳқиқотии Қодирова С., Гулзода Н., Давлатова М. зикр шудаанд ва овардани мулоҳизоти эшон арзиши илмии рисоларо афзун мекард.
3. Дар диссертатсия дар бештари мавридҳо иқтибосоти овардашударо аз мулоҳизоти муаллиф ҷудо намудан мушкил аст, аз ин рӯ, андешаронии диссертант доир ба масъалаҳои баррасишаванда норавшан мемонад (саҳ.50-52, 144-150 ва ғ.).
4. Феҳристи адабиёти мавриди истифода бояд мувофиқи талаботи стандартҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба хати лотинӣ (овонавишти байналмилалӣ) ва бо ишораи забони матни рисола таҳия мегардид (170-175).
5. Бо вуҷуди он, ки муаллифи диссертатсия хеле дақиқкор аст, дар баъзе саҳифаҳои рисола ва фишурдаи он ғалатҳои дорои хусусиёти техникӣ, имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд (саҳ. 3, 5, 7, 9, 21, 35, 49 ва ғ.).

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илмии кори таҳқиқии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи зарурӣ ба анҷом расонидааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Тоҷидинзода Парвина дар мавзуи «Вижагиҳои ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ» ба талаботи бандҳои 31,33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502– Забони тоҷикӣ) сазовор мебошад. Ҳамчунин фаъолият ва таълифоти диссертант бевосита ба самти забоншиносӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия.** Диссертант доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидааст.

Мавриди зикр аст, ки ҳангоми мутолиа ва баррасии рисола чанд вижагии муҳимми илмӣ ба назар расид, ки аз инҳо иборатанд:

1. Фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвончӯ пурра мувофиқат мекунанд.

2. Дар диссертатсия бори нахуст қолабҳои гуногуни ибораҳои номӣ дар насри мусаҷҷаъ гирдоварӣ гардида, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Тамоми таҳқиқоти илмии марбут ба ибораҳои номӣ ва маводи амалӣ аз “Расоили форсӣ” гирдоварӣ ва аз нигоҳи илмӣ асоснок шудаанд.

3. Зимни баррасии вижагиҳои сохториву маъноӣ ва гурӯҳбандии маъноии ибораҳо, муносибати маъноиву корбурди онҳо бо алоқамандӣ ба рисолаҳои Абдуллоҳи Ансорӣ таҳқиқ шудааст. Дар рафти таҳқиқ қолабҳои гуногуни ибораоройӣ дар насри мусаҷҷаи рисолаҳо ва муқоиса намудани қолабҳои ибораҳои номӣ бо забони адабии муосири тоҷикӣ нишон дода шудааст.

4. Зимни баррасӣ ба осори таҳқиқотии устодони варзидаи илми ватанию хориҷӣ такя карда, аз онҳо дар мавриди зарурат иқтибосҳо оварда, фикру ақидаҳои худро такмилу тақвият додааст. Дар муқаддимаи кор зимни овардани асосҳои назариявии диссертатсия ба осори донишмандоне ишора мешавад, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи забоншиносии забони тољикї хеле назаррас аст.

5. Диссертант ҳангоми шару тавзеи хусусиятҳои сарфию наҳвии ибораҳо ба осори илмии муътамад такя менамояд ва таҳлилу баррасиҳо рисола дар бештар вижагиҳои илмӣ дошта, хулосаҳо мантиқӣ ба назар мерасанд.

6. Дар маҷмуъ, маводи истифодашудаи илмӣ-назариявӣ ва маводи гирдовардаю баррасишуда аз осории насрии таърихӣ гувоҳи он аст, ки муҳаққиқи ҷавон Тоҷиддинзода Парвина роҳу равиши коркарди илмии маводи забониро хуб аз худ кардааст ва умед аст, ки дар оянда корҳои аз ин ҳам ҷиддитарро роҳандозӣ менамояд.

7. Бояд гуфт, ки дар забоншиносии тоҷик мавриди пажуҳиш қарор додани маводи сарфию наҳвӣ дар пояи ин ё он асари таърихї чизи тоза маҳсуб меёбад ва диссертатсияи мавриди тақризро аз шумули ҳамин корҳои илмӣ донистан мумкин аст.

**Хулоса,** диссертатсияи Тоҷиддинзода Парвина бо мубрамии мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати таҳқиқи масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – Забони тоҷикӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи забони тоҷикии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Тураев Бурҳониддин омода гардида, дар ҷаласаи шуъбаи мазкур санаи 8-уми майи соли 2025 баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи шуъба иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 14 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 9, аз 8-уми майи соли 2025.

**Раиси ҷаласа:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон

**Эксперт:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
ходими пешбари илмии шуъбаи забони
тоҷикии Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Тураев Бурҳониддин

**Котиби илмии ҷаласа:**

номзади илмҳои филологӣ, ходими
калони илмии шуъбаи забони тоҷикии
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Шарифова Гулчаҳон Мирзозарифовна

**Имзоҳои** О. Муҳаммадҷонзода, Б. Тураев
ва Г. Шарифоваро **тасдиқ мекунам:**
нозири кадрҳои Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ — Нарзиқулова Ҳилола

**Нишонии муассисаи пешбар:**
734019,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 21
Телефон: (+992 (37) 227-29-07
E-mail: iza.rudaki@gmail.com; сомонаи расмӣ: www.izar.tj

«8» майи соли 2025